**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзуи "Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012-и назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод шудааст.**

Исматуллои Шерхон соли 2015 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муҳандис – барномасоз бо баҳои хубу аъло хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи мазкур барои идомаи таҳсил ба зинаи магистратура, ихтисоси кибернетикаи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2018 зинаи мазкурро бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиро соли 2015, баъд аз хатми Донишгоҳ дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии (ДТИОМТОК) назди ДМТ шурӯъ намудааст. Дар Донишкадаи мазкур дар вазифаҳои танзимгари бахши кор бо грантҳо, мутахассиси кафедраи илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва иқтисодӣ ва и.в. сардори шуъбаи кадрҳо кору фаъолият намудааст.

Аз моҳи марти соли 2019 то инҷониб дар вазифаҳои сармутахассиси шуъбаи магистратура, сармутахассиси шуъбаи тайёркунии касбии хизматчиёни давлатӣ ва ҳамзамон сардори шуъбаи ҷалби грантҳои раёсати робитаҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Дар баробари ин Исматуллои Шерхон моҳи декабри соли 2019 (фармоиши №186-1 аз 28.12.2019) ба шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ – педагогии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01- Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ маишӣ) дохил гардидааст.

Исматуллои Ш. ҳангоми иҷрои корҳои илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои муҳаққиқоне, ки ҷанбаъҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Инчунин, бояд қайд намуд, ки номбурда ҳамасола дар конфронсҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ,

ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, бо маърузаю фишурдаҳои худ баромад намудааст.

Умуман, Исматуллои Ш. дар давоми таҳсил худро ҳамчун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро муайян кардааст. Дар ҷараёни корӣ ӯ доираи васеи адабиёти ватанию хориҷиро вобаста ба самти такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт омӯхта, таҷрибаи кории соҳаи таҳқиқшавандаро омӯхтааст.

Мубрамияти мавзуи интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионии Исматуллои Ш. аз он бармеояд, ки яке аз масъалаҳои муҳим барои амалигардонии Ҳукумати электронӣ ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Бинобар ин, зарур аст, ки роҳу усулҳои нави такмил додани механизмҳои хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати онҳо дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пайдо намуда, ба ин васила сатҳи зиндагии аҳолии мамлакатро баланд бардорем.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи баррасии он дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ муайян гардидааст. Ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он, заминаи иттилоотӣ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии кор ифода ёфта, муқаррарот ва хулосаҳое, ки унсурҳои навоварӣ доранд, инчунин, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** – “Асосҳои назариявӣ – методии хизматрасонии маишӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ”, “Асосҳои назариявӣ ва методии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ”, “Хусусиятҳои хоси хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва мушкилоти он” ва “Таҷрибаи хориҷии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодёт” пешниҳод гардидааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** “Баҳодиҳии вазъи муосири хизматрасонии маишӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Таҳлил ва баҳодиҳии вазъи муосири хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ”, “Омилҳои ба хизматрасонии маишии аҳолӣ таъсиррасон” ва “Баҳодиҳии сифати хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ” мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** масъалаҳои **“**Роҳҳои такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонӣ”,

“Танзим ва дастгирии давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ”, “Самтҳои такмилдиҳии механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” ва “Амсиласозии иқтисодӣ–математикии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ вобаста ба рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ” баррасӣ карда шудаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф ҷамъбаст карда шуда, тавсияву пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта пешниҳод гардидаанд.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар асосноккунии муқаррароти назариявӣ ва методӣ оид ба ташаккули соҳаи хизмати маишӣ дар амалигардонии консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои хизматрасонии маишӣ барои мизоҷон дар шароити иқтисодиёти рақамӣ нигаронида шудааст, фаро мегирад.

Ақидаҳои дар боло зикршуда навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ, илмӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳҳои гуногун инъикоси худро ёфтаанд.

Дар вобастагӣ ба омилҳои таъсиррасон ба такмили механизмҳои хизматрасонии маишӣ аз ҷониби муаллиф дар ҳар як зербоби кори илмӣ хулоса ва пешниҳоди мушаххас оварда шудааст.

Вазифаҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро таҳқиқи назарияҳо, шаклҳо, омилҳо ва тамоюлоти асосии таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ оид ба ташкил ва ҷойгиркунии хизматрасониҳои маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор медиҳад.

Муаллиф дар назди худ вазифаҳои дигарро бо мушаххасгардонии хусусиятҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва самтҳои асосии дастгирии давлатӣ дар баланд бардоштани самаранокии он мавриди омӯзиш қарор додааст.

Диссертатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзуи “Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” сатҳи баланди илмӣ, назариявӣ ва амалияро касб намуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба ҳолати муосири бозори хизматрасониҳои маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон илман асоснок гардидаанд.

Умуман, рисолаи илмии таҳиянамудаи унвонҷӯ Исматуллои Шерхон дар мавзуи “Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” ба талаботҳои Низомномаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошад ва кори мустақилонаи ба анҷом расонидашуда буда, барои муҳокимаи минбаъда ва ҳимоя дар Шурои диссертатсионии мувофиқ ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01- Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ маишӣ) пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Қурбонов М.А.**

**Имзои «Қурбонов М.А.»-ро тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳамидов Ш.Б.**

**“23” 12 2024с.**

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ